## СУРАТМАҶЛИСИ №117
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-018

14-уми апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 15 нафар, аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад. Аз 15 нафар аъзои Шуро 12 нафар ба таври ҳузурӣ ва 3 нафар ба таври маҷозӣ иштирок доранд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

### ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғаюрзода Ш.К. ва аъзои комиссия Мирзозода П.З., Имомзода Н.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

### ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои

дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи мадании, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Сангинзода Дониёр Шомаҳмад** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо оид ба илм ва таълими Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Сидиқов Дилшод Аҳророввич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти ҳуқуқи мадании Донишгоҳи байнидавлатии (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавсия карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 25-уми июни соли 2026, соати 11:00 мукаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беъэтибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.